Бо қарори Раёсати
Бонки миллии Тоҷикистон
аз "21" июни соли 2022, №78
тасдиқ шудааст

# Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ

Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд - Тартиб) раванди санҷиши ҳолати мутобиқи қонунгузорӣ риоя ва ҳимояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявиро ҳангоми гузаронидани санҷишҳо тибқи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №13 аз 30.01.с.2014 тасдиқ шудааст (минбаъд - санҷиш), танзим намуда, доираи амали кормандони барои санҷиш ваколатдоршудаи идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявии Бонки миллии Тоҷикистонро дар раванди гузаронидани санҷиш ва талаботҳои махсусро нисбати раванди гузаронидани санҷишҳо, пайдарҳамии мухлати гузаронидани санҷишҳо, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Санҷиш аз ҷониби кормандони ваколатдори воҳиди сохтории масъули Бонки миллии Тоҷикистон - идораи ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ (минбаъд - Идора) дар ҳайати гурӯҳи санҷишии Бонки миллии Тоҷикистон ва ё дар ҳолати зарурӣ мустақилона амалӣ карда мешавад.

2. Мақсади асосии санҷиш аз инҳо иборат аст:

- назорати риояи қонунгузории бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳимояи

ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- ошкорсозии хавфҳо ва таъмини сатҳи зарурии ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки дар натиҷаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба миён омадаанд ва онҳо ба вайронкунии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ҳифзи боварии онҳо ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ, баҳодиҳии таъсирнамоии эҳтимолиашон ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобастагӣ доранд;

- таҳкими боварии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ба низоми бонкӣ.

## БОБИ 2. САМТҲОИ ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

3. Санҷиш ба қонунгузорӣ мутобиқ будани самтҳои зеринро дар бар мегирад:

- санҷиши ифшои маълумот оид ба хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда;

- санҷиши сатҳи сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;

- санҷиши раванди баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо;

- санҷиши риояи талабот оид ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- санҷиши раванди назорати дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи риояи қонунгузорӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ.

4. Санҷиши ифшои маълумот оид ба хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши ифшои маълумот ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ оид ба хизматрасониҳои низоми бонкӣ;

- санҷиши номгӯи хизматрасониҳои молиявӣ, шартҳо (қоидаҳо) ва тартиби тағйир додани онҳо;

- санҷиши нархномаҳои хизматрасониҳои аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ пешниҳодшуда (аз ҷумла подоши комиссионӣ ва дигар пардохтҳо), раванди ташаккули онҳо, шарт ва тартиби тағйири онҳо;

- санҷиши намунаи ҳар як намуди шартнома оид ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда, мазмун ва маълумоти дар он дарҷшуда.

5. Санҷиши сатҳу сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши тартиб, шарт ва шакли тамос бо истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;

- санҷиши маълумотҳои ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ҳангоми хизматрасонӣ бевосита пешниҳодшаванда ва принсипҳои пешниҳоди чунин маълумот;

- санҷиши ихтисоси кормандони хизматрасон;

- санҷиши риояи амалҳои ҳатмие, ки аз ҷониби ҳайати кормандони ташкилотҳои қарзии молиявӣ ҳангоми иҷрои амалиётҳои бонкӣ бо истеъмолкунандагон амалӣ мегарданд;

- санҷиши дигар масъалаҳо, ки ба сатҳи пешниҳоди хизматрасониҳо алоқаманд мебошанд.

6. Санҷиши раванди баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши раванди қабули арзу шикоятҳо;

- санҷиши раванди ҳалли арзу шикоят ва баҳсҳо;

- санҷиши раванди огоҳонии истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ аз натиҷаи ҳалли баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо;

- санҷиши бақайдгирӣ ва баҳисобгирии арзу шикоят ва баҳсҳо.

7. Санҷиши риояи талабот оид ба нашри маълумот аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз инҳо иборат мебошад:

- санҷиши дурустии маълумотҳои нашршуда (дастурҳои маълумотӣ, брошураҳо, буклетҳо, варақаҳо, ки дар эълонҷойҳо (афишаҳо), хиёбонҳо, плакатҳо, тахтаи эълонҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ҷойгир карда шудаанд) дар бораи хизматрасониҳое, ки аз тарафи ташкилоти қарзии молиявӣ пешниҳод шудааст;

- санҷиши маълумоти дар воситаҳои ахбори оммаи электронӣ нашршуда (сомонаҳои интернетӣ, шабакаҳои иҷтимоӣ);

- санҷиши дурустии дигар маълумот, ки ба дастрасии умум пешниҳод гаштааст;

- ошкор сохтани ҳолатҳои ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ пешниҳод намудани маълумоти бардурӯғ.

8. Санҷиши раванди назорати дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи риояи қонунгузорӣ вобаста ба ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар амалия ва фаъолияти корӣ инҳоро дар бар мегирад:

- санҷиши мавҷудияти сиёсат ва қоидаҳои (равандҳои) дахлдор;
- санҷиши татбиқи дахлдори чунин сиёсат ва қоидаҳо (равандҳо) бо мақсади муайянсозии мутобиқатии онҳо ба фаъолияти амалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ.

9. Санҷишҳое, ки дар бандҳои 3-8 Тартиби мазкур дарҷ шудаанд, бо чунин мақсад амалӣ мегарданд:

- ошкорсозии поймолшавии ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ дар натиҷаи фаъолияти амалии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз нигоҳи риояи қонунҳои амалкунанда ва нигоҳ доштани эътимод ба низоми бонкӣ, инчунин эҳтимолияти таъсиррасонии онҳо ба фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- санҷиши мутобиқати фаъолияти воқеии ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба талаботи қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ.

10. Санҷиш аз ҷониби Идора дар доираи санҷишҳои солонаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ якҷоя бо кормандони дигар воҳидҳои сохтории Бонки миллии Тоҷикистон (санҷишҳои нақшавӣ) ё ҳангоми зарурат бевосита аз ҷониби Идора ба таври ғайринақшавӣ (мавзӯӣ) гузаронида мешавад.

11. Санҷиши нақшавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ на камтар аз як маротиба дар дар як сол аз ҷониби намояндагони (кормандони) ваколатдори Идора гузаронида мешавад.

12. Санҷиши ғайринақшавӣ (мавзӯӣ) тибқи супориши раиси Бонки миллии Тоҷикистон ё муовини ӯ, ки Идораро сарпарастӣ мекунад, дар ҳолатҳои зерин гузаронида мешавад:

- дар асоси таҳлили арзу шикоятҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, ки ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид шудаанд;
- тибқи супоришҳои роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон;
- тибқи дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ.

## БОБИ 3. ТАЛАБОТИ МАХСУС БАРОИ

## ОМОДАГӢ ВА ГУЗАРОНИДАНИ САНҶИШ

13. Омодагӣ ба гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар асоси маълумоти мавҷудбуда дар Бонки миллии Тоҷикистон оид ба дақиқ намудани масъалаҳои санҷишшаванда, давраи санҷиш ва муайянсозии миқдори интихоб намудани ҳуҷҷатҳо (маълумот), ки барои гузаронидани санҷиш заруранд, амалӣ карда мешавад.

14. Барои ташкил ва анҷом додани раванди санҷиш аз маълумот ва ҳуҷҷатҳои зерин истифода карда мешавад:

- ҳуҷҷатҳои ташкилию маъмурӣ, дастурамалҳо, қоидаҳо, низомномаҳо, дастурҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои дохилии ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- маълумотҳои нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (сомонаҳои интернетӣ, истинодҳо дар шабакаҳои иҷтимоӣ, маводҳои чопӣ, брошураҳо, буклетҳо ва ғайра);
- рӯйхати шартномаҳо бо шахсони ба ташкилоти қарзии молиявӣ вобаста ва кормандони он, бо зикри шартҳои ин гуна шартномаҳо;
- ҳисоботҳои нашрнамудаи ташкилотҳои қарзии молиявӣ;
- намунаи муқарраршудаи аҳдҳо ва шартномаҳое, ки байни ташкилоти қарзии молиявӣ ва истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ баста мешаванд (қарзӣ/маблағгузории исломӣ, амонатӣ/пасандозӣ/шартномаи пасандози исломӣ ва ғайраҳо);
- қоидаҳое, ки барои пешниҳоди хизматрасониҳои ташкилоти қарзии молиявӣ тасдиқ шудаанд;
- мукотиботи хаттии Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилоти қарзии молиявии санҷишшаванда баъди санҷиши маҷмуии он, аз ҷумла ҳуҷҷатҳое, ки ба масъалаҳои ҷории дар ташкилот мавҷудбуда ва ба роҳҳои ҳалли он мансуб мебошанд, инчунин чораҳои фаврии ислоҳӣ ва таъсиррасоние, ки аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон татбиқ карда шудаанд;
- натиҷаи санҷиши охирин ва аз он қаблии ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ, инчунин натиҷаи иҷрои тавсияҳое, ки баъди санҷиши охирин пешниҳод шудаанд;
- маълумот оид ба бартарафсозии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо, ки дар рафти санҷишҳои қаблӣ ошкор шудаанд;

- шикоятҳое, ки баъди санҷиши қаблӣ ба суроғаи ташкилоти қарзии молиявӣ ва ҳамзамон ба Бонки миллии Тоҷикистон ворид гардидаанд;

- дигар ҳуҷҷатҳое, ки барои санҷишгарон муҳим ҳисобида мешаванд.

15. Санҷишгарон метавонанд аз ҳуҷҷатҳои ташкилоти қарзии молиявии санҷишшаванда нусхабардорӣ намоянд.

16. Ҳангоми санҷиш махфияти маълумотҳои вобаста ба сирри давлатӣ, бонкӣ, тиҷоратӣ ва дигар маълумоте, ки ифшои он мутобиқи қонунгузорӣ манъ мебошад, таъмин карда мешавад.

17. Ҳамаи ҳуҷҷатҳо ва таҷҳизотҳои техникӣ, ки бо мақсади санҷиш талаб карда гирифта шудаанд, баъди анҷоми санҷиш баргардонида мешаванд.

18. Дар раванди санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ маълумоте, ки барои иҷрои вазифаҳои танзим ва назорати фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти риояи ҳуқуқу манфиатҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ заруранд, ҷамъоварӣ мегардад. Маълумоти дар раванди санҷиш ба даст омада, барои баҳогузорӣ ва тартиб додани хулоса оид ба ҳолати умумӣ ё самтхои алоҳидаи фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ асос мебошад. Инчунин маълумот дар бораи ҳолатҳое, ки дар фаъолияти ташкилот муайян карда шудааст, метавонад барои татбиқи чораҳои дар қонунгузорӣ пешбинишуда асос гардад, аз ҷумла:

- ҳолатҳои риоя накардани қонунгузорӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва амру супоришҳои Бонки миллии Тоҷикистон, пешниҳод накардани маълумот ё пешниҳод кардани маълумоти нопурра ё нодуруст аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ;

- ҳолатҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, амали (беамалии) кормандон ё мақомоти роҳбарикунандаи он, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро вайрон намекунанд, аммо ба ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва хавфҳои мавҷудбуда таъсири манфӣ мерасонанд ё чунин имконияти таъсиррасониро доранд ё замина барои ба вуҷуд омадани ҳуқуқвайронкунӣ ва хавфҳои иловагӣ мегарданд.

19. Санҷиш аз лаҳзаи ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ супоридани супоришнома тибқи Замимаи №1 Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ҷамъбаст ва пешниҳоди натиҷаҳои он, ки бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон №13 аз 30.01.с.2014

тасдиқ ва шакли намунавии он муқаррар шудааст, оғоз гардида, баъди пешниҳоди санади санҷиш ба анҷом расонида мешавад.

20. Муҳлати санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ вобаста ба теъдоди филиалҳо, воҳидҳои сохтории он метавонад то ба 21 рӯзи тақвимӣ муқаррар карда шавад. Дар ҳолатҳои асосноккардашуда он метавонад ба муҳлати то 10 рӯзи тақвимӣ тамдид карда шавад.

## БОБИ 4. ТАЛАБОТИ МАХСУС ДОИР БА БАРАСМИЯТДАРОРИИ НАТИҶАҲОИ САНҶИШ

21. Санади санҷиш ҳуҷҷати дорои маълумоти дастрасияш ба шахсони сеюм, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон пешбинӣ намудаанд, маҳдуд буда, тибқи Замимаи №1 Тартиби мазкур, ки шакли намунавии он тасдиқ гардидааст, дар ду нусха ҳангоми гузаронидани санҷиши ғайринақшавӣ (мавзӯӣ) ва дар се нусха ҳангоми гузаронидани санҷиши нақшавӣ ба расмият дароварда мешавад. Дар санади санҷиш баҳодиҳии воқеии ташкилоти қарзии молиявӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ мегардад.

22. Санади санҷиш аз қисмҳои зерин иборат мебошад:

- муқаддима;
- оид ба ифшои маълумот доир ба хизматрасониҳои молиявии пешниҳодшаванда;
- оид ба сатҳи сифати хизматрасонӣ ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- оид ба раванди баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо;
- оид ба риояи талабот доир ба нашри маълумот;
- оид ба ошкорсозии ҳолатҳои хуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ;
- хулоса ва пешниҳодҳо.

23. Қисми муқаддимавии санади санҷиш маълумотҳои зеринро дар бар мегирад:

- сана ва рақами супоришномаи Бонки миллии Тоҷикистон дар бораи гузаронидани санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ;
- санаи оғоз ва итмоми санҷиш;
- самтҳои санҷишшудаи фаъолияти ташкилоти қарзии молиявӣ;

- тасдиқи ҳолати муҳокима шудани натиҷаи санҷиш бо намояндагони ташкилоти қарзии молиявӣ (бо зикри ному насаби чунин намояндагон, ки дар муҳокима иштирок намудаанд);

- хотиррасонӣ аз он, ки маълумоти дар санади санҷиш зикршуда сирри бонкӣ, хизматӣ ва ё тиҷоратӣ маҳсуб ёфта, ба шахсони сеюм танҳо тибқи асос ва тартиби аз ҷониби қонунгузорӣ муқарраршуда пешниҳод карда мешавад;

- дар ҳолате, ки дар ташкилоти қарзии молиявӣ камбудиҳо ошкор мегарданд, қайд карда мешавад, ки он таҳти назорати қатъии гурӯҳи санҷишӣ қарор дорад.

24. Дар қисмати санади санҷиш оид ба ифшои маълумот доир ба хизматрасониҳои пешниҳодшаванда маълумоти муфассал дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳо, ки дар рафти санҷиши шартҳои ифшои маълумот вобаста ба хизматрасониҳои пешниҳодшавандаи ташкилоти қарзии молиявӣ ошкор шудаанд, инчунин маълумоти дар бар гирифтаи онҳо, сабабҳои пайдоиш ва таъсири онҳо ба вазъи ташкилоти қарзии молиявӣ дарҷ карда мешавад.

25. Дар қисмати санади санҷиш оид ба сатҳи сифати хизматрасонии мизоҷон ба таври муфассал маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳо, мутобиқатии тамос бо мизоҷон бо тартиби дар ин самт ҷойдошта, маълумоти ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ бевосита пешниҳодшуда, рафтори кории кормандон, сатҳи умумии хизматрасонӣ, сабабҳои пайдоиш ва таъсири онҳо ба вазъи ҷории ташкилот оварда мешавад.

26. Дар қисмати санади санҷиш оид ба раванди баррасии арзу шикоят ва баҳсҳо ба таври муфассал маълумот дар бораи ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳо, ки дар рафти қабули арзу шикоят ва баҳсҳои истеъмолкунандагон ошкор шудаанд, роҳҳои ҳалли онҳо, қарорҳои қабулшуда ва ба истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ хабар расонидан аз натиҷаҳои онҳо ва дар умум оид ба ҳамаи раванди баррасии шикоятҳо, сабабҳои пайдоиш ва таъсири онҳо ба вазъи ҷории ташкилот зикр карда мешавад.

27. Дар қисмати санади санҷиш оид ба риояи талабот доир ба нашри маълумот ба таври муфассал маълумот вобаста ба ҳуқуқвайронкуниҳо, масъалаҳо ва камбудиҳо, ки дар рафти санҷиши дурустии дастурҳои маълумотӣ, брошураҳо, буклетҳо, варақаҳо, ки

дар эълонҷойҳо, плакатҳо, тахтаи эълонҳо ва дигар воситаҳои техникӣ ошкор шудаанд ва тавассути онҳо маълумот пешниҳод карда мешавад, инчунин сабабҳои пайдоиш ва таъсирашон ба вазъи ташкилоти қарзии молиявӣ зикр карда мешаванд.

28. Дар қисмати санади санҷиш оид ба ошкорсозии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ маълумот вобаста ба риоя нагардидани муқаррароти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар натиҷаи санҷиш ошкор шудаанд, бо зикри модда ва банди вайроншудаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, санаи содиршавии вайронкунӣ ва тавсифи он зикр карда мешаванд.

Дар ҳамин қисмати санади санҷиш ҳамаи масъалаҳои муҳими ҷойдошта, паҳлуҳои заифи ташкилоти қарзии молиявӣ, самтҳои сатҳи баланди хавфдошта ва дигар камбудиҳо, ки вайронкунии муқаррароти қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба ҳисоб намераванд, вале тибқи ақидаи асосноки гурӯҳи санҷиш метавонанд ба манфиатҳои истеъмолкунандагон зиён расонанд, зикр карда мешаванд. Дар ҳолати мавҷуд набудани ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо дар қисмати мазкури санади санҷиш маълумоти "Дар рафти санҷиш ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳо ошкор нашудаанд" дарҷ карда мешавад.

29. Дар қисмати хулосавӣ ва пешниҳодотии санади санҷиш хулосаҳои дар натиҷаи санҷиш баровардашуда ҷамъбаст гардида, ҳуқуқвайронкуниҳо ва камбудиҳои ошкоршуда дарҷ гашта, инчунин шарҳи мухтасари вазъи ҷойдоштаи ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти рафтори корӣ ва ҳимояи манфиатҳои истеъмолкунандагон зикр карда мешавад.

Дар ин қисмат инчунин пешниҳодҳои асосии санҷишгарон, ки ба ислоҳи масъалаҳои ҷойдошта аз рӯи дараҷаи муҳимияташон, ки бо назардошти принсипи «аввалиндараҷа» равона шудааст, дарҷ карда мешаванд. Пешниҳодҳои санҷишгарон бояд пеш аз ҳама самтҳои заиф, осебпазир ва камбудидоштаи фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявиро фаро гиранд.

30. Ҳамаи дигар хулосаҳо ва пешниҳодҳо, ки дар қисматҳои дигари санади санҷиш зикр нашудаанд, бояд дар қисмати хулосавӣ ва пешниҳодотии санади санҷиш ҷойгир карда шаванд.

Замимаи №1
ба Тартиби гузаронидани санҷиши
ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти
ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони
хизматрасониҳои молиявӣ

**САНАДИ**
**санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ дар самти ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ**
**(шакли намуна)**

**Бонки миллии Тоҷикистон**
**Барои истифодаи хизматӣ**
**Нусхаи №____**

**САНАД**

_______________________________________________________________
_______________________________________________________________
(номи расмии ташкилоти қарзии молиявӣ)

**Санаи таҳияи санад: "___" "______" соли 20__,**
**рақами (№) қайд: _____________**
**Ҷойи таҳия шудани санад: _____________**
**Оғози санҷиш: "______" "______________" соли 20__**
**Анҷоми санҷиш: "____" "_____________" соли 20__**

Санади мазкур аз рӯи натиҷаи санҷиши ____________________________
_______________________________________________________________,
(номи пурраи расмии ташкилоти қарзии молиявӣ ва воҳидҳои сохтории он)

ки мутобиқи супоришнома барои гузаронидани санҷиш аз "__" "___" соли 20__, таҳти №__ гузаронида мешавад, таҳия гардид.

Санади санҷиш (қисми муқаддимавӣ, таҳлилӣ, хотимавӣ ва ҷамъи пешниҳодот) сохтор ва мазмуни санади санҷиш тибқи Тартиби гузаронидани санҷиши ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар самти

ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Бонки миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Замима ба санади санҷиш: дар_____варақ**
(бо нишон додани номгӯи ҳуҷҷатҳои замимашаванда (нусхаи онҳо)

Санади мазкур дар ду/се нусха, ки эътибори якхелаи ҳуқуқӣ доранд, таҳия шудааст.

**Санҷишгар:** ____________________ ____________________
(имзо) (ному насаб)

Бонки миллии Тоҷикистон,
(шуъбаи минтақавии Бонки миллии Тоҷикистон): ____________________

**Бо санади санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ, филиалҳо ва воҳидҳои сохтории он шинос аст:**
**"___" "__________________" соли 20___**

**Роҳбари ташкилоти қарзии молиявӣ (филиал ва ё воҳиди сохтории он)**
ҷ.м. __________________ (вазифа) ____________________________________
(имзо) (ному насаб)

**Норозигӣ ба санади санҷиш дар "___" варақ замима мегардад.**

Дар ҳолати гузаронидани санҷиши ташкилоти қарзии молиявӣ, филиалҳо ва воҳидҳои сохтории он аз рӯи масъалаҳои фаъолияти онҳо ба санади санҷиш метавонад баёноти хаттии корманди масъули ташкилоти қарзии молиявӣ, филиал ва воҳиди сохтории он бо нишон додани ному насаб ва вазифа, инчунин санаи пешниҳоди он ба роҳбари гурӯҳи санҷишӣ замима гардад.